*«Садои Шарқ», No 11, 1966,*
*с. 147-148.*

# Тӯҳфа ба мактабиён

***“Гулзори ҳикмат”***, *гирдоваранда ва ба чоп тайёркунанда Ҷ. Азизқулов, Душанбе, Нашриёти «Ирфон», 1966.*

Бо мурури замон дар натиҷаи тадқиқоти пурсамари олимони адабиётшинос беасосии чунин ақидаи носолим, ки гӯё адабиёти тоҷик ба олами тамаддун фақат назми оламгир додаасту насри бадеии ин адабиёт комилан ҷавон буда, танҳо дар ибтидои асри XX ба миён омадааст, торафт равшантар мегардад. С. Айнӣ, Е.Э. Бертельс, А.Н. Болдырев, И.С. Брагинский, Р. Ҳодизода, Р. Алиев ва дигар олимон ба субут расониданд, ки дар мероси адабии халқи тоҷик дар қатори осори манзум насри бадеӣ низ мақоми муҳиммеро ишғол менамояд ва ин асарҳо мӯҳтоҷи таҳқиқу омӯзиши ҷиддии илмӣ мебошад.

Дар зарфи солҳои охир матни интиқодию илмии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ (Москва, 1959) ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ (Москва, 1961) ба амал омаданд; қисме аз онҳо ба монанди «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайни Воизи Кошифӣ (Душанбе, 1966), «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (Душанбе, 1966) рӯи чопи оммавиро ҳам диданд. Баъзе асарҳои насрии тоинқилобӣ, ҳамчун «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус (Москва, 1953, 1958), «Сиёсатнома»-и Низомулмулк (Москва - Ленинград, 1949) ва ғайра дастраси хонандагони русзабон гаштаанд.

Осори мансури классикӣ ва халқии тоинқилобӣ қимати бузурги тарбиявии ахлоқӣ доранд. Ба фикри мо, мунтахаби ҳикоёти «Гулзори ҳикмат», ки онро рафиқ Ҷ. Азизқулов бо сарсухани

мухтасар ба чоп ҳозир кардааст, ба ин даъво мисоли равшан шуда метавонад.

Муаллифи сарсухан хеле дуруст қайд мекунад, ки «Дар адабиёти тоҷику форс, мисли «Синбоднома», «Тӯтинома», «Қобуснома» асарҳое низ ҳастанд, ки аз ҳикмати зиндагӣ ва таҷрибаи рӯзгор саршоранд». Дар ҳақиқат, китобҳои номбаршуда ва боз бисёр асарҳои дигари халқию классикӣ маҳз ба туфайли «ҳикмати зиндагӣ» доштанашон ва ба мардум «таҷрибаи рӯзгор» омӯхтанашон дар байни халқ асрҳои аср боқиву пойдор мондаанд.

Дар «Гулзори ҳикмат» 54 ҳикоят гирд оварда шудааст, ки аксари онҳо тамсилӣ буда, ба хонандагон аз ягон ҷиҳат дарси ибрат меомӯзанд.

Дар ин ҳикоёт масъалаҳои муҳимми ахлоқ, ба мисли дӯстию рафоқат, ростию росткирдорӣ, ботадбирию боандешагӣ, парҳез аз ҳаққи мардум ва монанди инҳо қарор гирифтаанд. Дар ин ҳикояҳо ба хислати наҷиб ва рафтору кирдори писандида мадҳу сано хонда мешавад ва баръакс, баъзе рафтору муносибатҳои ношоиста, ҳамчун хиёнат ба дӯстону ёрони мувофиқ, ҳарисию хомтамаъӣ, бефаросатию беандешагӣ танбалию муфтхӯрӣ ва амсоли инҳо бо нақли ҳодисаю воқеаҳои боварибахш мавриди мазаммат ва танқид қарор ёфтаанд.

Эҷодиёти халқро оинаи зиндагӣ ва таърихи ӯ мешуморанд, ки сухани барҳақ аст. Дар «Гулзори ҳикмат» як силсила ҳикоёте ҳаст, ки ҳаёти тоқатфарсои оммаи меҳнаткашро дар тӯли давраи феодалӣ, ҷабру зулми беҳисоби ҳокимон, макру найрангҳои дарбору аҳли дарборро хеле хуб, ба тарзи бадеӣ таҷассум намудаанд. Мо ин фикрро дар ҳикоятҳои «Мор ва ғуки нодон», «Шер ва гурбаву бачааш», «Моҳӣ ва моҳихор», «Рӯбоҳи маккор ва хар» ва амсоли ин равшан мушоҳида мекунем.

Маҷмӯаи «Гулзори ҳикмат» аз ҳикоятҳои «Қобуснома», «Марзбонннома», «Тӯтинома», «Калила ва Димна», «Анвори Суҳайлӣ

барин китобҳо фароҳам омадааст, ки инро мураттиб низ дар муқаддима ишора намудааст. Вале агар зикр меёфт, ки кадом ҳикоят аз кадом китоб гирифта шудааст, беҳтар мешуд. Ин кор имконият медод, ки аз як тараф доираи дониши хонандагон дар бораи мероси насрии халқамон васеътар гардад, аз тарафи дигар, ба осон гардидани кори муҳаққиқон кӯмак мерасонд.

Табиист, ки баъзе калима, ибора ва тарзи ифодаи нависандагони пешина бо гузашти рӯзгор номафҳум шудааст, хонандаи имрӯза ба осонӣ аз мақсади муаллиф пай бурда наметавонад. Илова бар ин маҷмӯа ба мактаббачагон тавсия шудааст. Инро ба назар гирифта рафиқ Ҷ. Азизқулов ҳикояҳоро аз ҷиҳати забон ва тарзи баён таҳрир намудааст, ки дар ин масъала дар аксари ҳикоёт муваффақият ба ӯ ёр аст.

Ҳикояҳои «Шер ва маймуну сиёҳгӯш», «Шутур ва шутурбон», «Росу ва зоғ» ва дигарҳоро намунаи беҳтарини ин гуна таҳрир шумоaccording мумкин аст. Усули пешгирифтаи гирдоваранда, яъне, мазмуни ҳикоёти классикӣ ва халқии қабл аз инқилобиро бо забони оммафаҳм нақл намудан барои мактабиён мувофиқ ва қобили қабул аст. Вале барои оммаи хонандагон услуб, тарзи гуфтори нависандагони гузаштаро (бо тавзеҳоти зарурӣ) нигоҳ доштан аҳамияте дорад.

Дар таҳрири баъзе ҳикоёти маҷмӯа, чунончи дар ҳикояти «Деҳқон ва мушон», «Саъба ва дӯстони содиқ», «Рӯбоҳи маккор ва хар» шитобкории мураттиб ҳис карда мешавад. Масалан, дар ҷумлаҳои «Фил душмани зӯр аст. Тадбири ин кор (куштани фил - Р. М.) аз дасти ман танҳо намеояд» (саҳ.7); «Подшоҳ фармуда буд, дар пеши қасре, ки ҷои нишаст буд, аз мармар ҳавзе сохта буданд...» (саҳ. 58) ва ғайра нуқсонҳои маънавӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд.

Дар маҷмӯа баъзе калимаву таъбирҳои норавшан ва ё бемавқеъ, аз қабили «ҳаракати шикор» (саҳ. 48), рӯбоҳ «назди шер рафт ва бо маломат гуфт» (сах. 48), «зудфаҳм» (саҳ. 75) вомехӯранд.

Дар ҳикояти «Кабӯтари ҷаҳонгард» Навозанда ном кабӯтар ба ҷуфти худ - Бозанда «бародар» гӯён (саҳ. 68) хитоб мекунад, ки ин номатлуб аст. Воқеан, дар асл («Анвори Суҳайлӣ», Наввалкишӯр, 1880 саҳ. 28) ҳамин хитоб бо калимаи «ҳамдам» омадааст.

Ин камбудиҳои ночиз қимати китобро паст карда наметавонанд.

«Гулзори ҳикмат» тӯҳфаи хуб барои хонандагон аст. Дар зарфи чанд рӯз ба фурӯш рафтани маҷмӯа гувоҳ ба он аст, ки хонандагон ба насри тоинқилобии мо рағбати калон доранд. Пас вақти он расидааст, ки тамоми асарҳои насрии классикӣ ва халқии тоинқилобӣ дар асосҳои илмӣ дастраси хонандагон гардонда шаванд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ**.